# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар раванди ҷахонишавии муосир ва рушди ҷомеаи техногенӣ дар баробари дигар зуҳуроти исломи сиёсӣ тундгароии динӣ ва роҳу усулҳои муқовимат бар он, на танҳо барои кишварҳои алоҳида, балки барои башарият яке аз масъалаҳои муҳим ва рузмарра ба шумор меравад.

Мавзуи рисолаи илмии Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович ба яке аз мавзуъҳои мубрами илмҳои сиёсӣ - тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа, бахшида шудааст. Тундгароии динӣ ҳамчун падидаи номатлуб дар шакли амалҳои ифротии тахрибомези иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба амнияти давлат ва рушди босуботи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Воқеан ин падидаи номатлуб ба зумраи ҷиддитарин таҳдидҳо ба фарҳанг ва тамаддуни башарият, инчуни арзишҳои муосири умумиинсонӣ буда, бештар аз ҳама ба сулҳу субот ва тараққиёт халал ворид месозад.

Муаллиф бо истифода аз таҳлилҳои илмӣ, омори воқеӣ ва баррасии манбаъҳои гуногун кӯшидааст, ки сабабҳо, хусусиятҳо ва оқибатҳои ин падидаи номатлубро равшан намояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби аввал, бахусус дар зербоби якуми боби аввал таҳлили васеъ ва амиқи назариявии тундгароии динӣ баён шудааст. Муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ моҳияти ин падидаро таҳлил намуда, хусусиятҳои асосии онро муайян намудааст. Ин равиш ба пажуҳишгарон ва хонандагон имкон медиҳад, ки асосҳои илмии мавзӯъро фаҳмида, пайомадҳои назариявии онро дарк намоянд.

Зербоби дуюми боби аввал ба таҳлили омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва идеологии зуҳуроти тундгароӣ бахшида шудааст. Муаллиф кӯшидааст нишон диҳад, ки чӣ гуна омилҳои мухталиф, аз ҷумла воқеаҳои таърихӣ ва равандҳои сиёсӣ, дар ташаккули ин падида нақш доштаанд. Баррасии муфассали манбаъҳои идеявӣ ва ғоявии тундгароии динӣ аз ҷумлаи нуқтаҳои муҳими рисола мебошад.

Дар зербоби сеюми боби аввал, ки ба нақши васоити ахбори омма дар паҳншавии тундгароии динӣ бахшида шудааст, муҳаққиқ равиши илмии таҳлилро истифода бурда, таъсири расонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар василаҳои иттилоотиро дар ташаккули андешаҳои тундгароёна баррасӣ намудааст. Ин нуқта, бо таваҷҷуҳ ба рушди технологияи иттилоотӣ ва афзоиши шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир ва тағйирёбанда, аҳамияти назаррас дорад.

Дар боби дуюм, хоса зербоби якуми рисолаи илмӣ таҳлили зуҳуроти тундгароии динӣ дар фазои сиёсии Тоҷикистон ва таъсири он ба вазъи умумии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ин падида дорои решаҳои амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологӣ ва маънавӣ мебошад. Ӯ инчунин нишон додааст, ки ҷиноятҳо дар заминаи динӣ ҳамчун зуҳуроти шадиди тундгароӣ метавонанд ба амнияти миллӣ ва суботи иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм ҷиноятҳо дар заминаи дин ҳамчун зуҳуроти шадиди тундгароӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Масъалаҳои тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротӣ ва тундгароии динӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷанги беохири иттилоотии тундгароёни динӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки пурзур шудани пояҳои технологии иттилоот нақши ВАО ба маротиб боло рафта, он метавонад василаи муҳими «шустушуи мағз»-ҳои аҳли ҷомеа гардад.

Зербоби сеюми боби дуюм ба тадбирҳои сиёсию ҳуқуқии давлат дар самти рафъи тундгароӣ бахшида шудааст. Муаллиф нақши қонунгузорӣ ва сиёсатҳои давлатӣ, аз ҷумла барномаҳо ва консепсияҳои махсусро дар самти пешгирӣ ва мубориза бо тундгароии динӣ таҳлил кардааст. Ин бахш аз

ҷиҳати амалӣ ва муҳимияти сиёсӣ хеле арзишманд буда, метавонад дар таҳияи стратегияи давлатии муқовимат ба тундгароии динӣ саҳмгузор бошад.

Ба андешаи мо дар баробари паҳлуҳои мусбии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки муаллифро зарур аст, барои шарҳу тавзеҳи онхо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд. Аз ҷумла, диссертант ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ намояд:

1. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф чун хулоса зикр намудааст, ки “дар марҳилаи имрӯза афзоиши тундгароии динӣ дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ба амал омада истодааст. Аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ барои баъзе кишварҳои олам сабаби бесуботии ҷомеа ба шумор меравад”. Ба назари мо ин хулосае то андозае дуруст аст, вале бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон ҳануз аз замонҳои паҳншавиаш дини ислом, ҳамчун маҳаки зиндагӣ ва асоси фарҳангии ҷомеа, таъсиргузор буд. Аз ин лиҳоз, таҳаввулоти тундгароии динӣ на танҳо зери таъсири ҷаҳонишавӣ, балки дар натиҷаи омилҳои дохилӣ, аз ҷумла вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсатҳои давлатӣ ва таъсири муҳити фарҳангӣ низ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, баррасии паҳншавии тундгароии динӣ бояд бо дарназардошти ҳам омилҳои ҷаҳонӣ ва ҳам хусусиятҳои хоси таърихию фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон анҷом дода шавад.

2. Муаллиф дар рисолаи худ ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун яке аз омилҳо ва роҳҳои паҳншавии тундгароии динӣ каму беш таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ба андешаи мо диссертант бояд бештар ба масъалаҳои таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ дар Тоҷикистон диққат медод. Аз ҷумла, таҳлили амиқи нақши муҳити муҳоҷират, шароити зиндагӣ ва кории муҳоҷирон, таъсири гурӯҳҳои ифротӣ ба муҳоҷирон ва роҳҳои пешгирии гароиши онҳо ба андешаҳои тундгароёна метавонист арзиши илмии тадқиқотро боло барад. Инчунин, баррасии нақши муассисаҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва мазҳабии муҳоҷирон аҳамияти хосса дорад.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, метавонад ҳамчун як тадқиқоти муҳим дар соҳаи омӯзиши тундгароии динӣ ва роҳҳои мубориза бо он истифода шавад. Тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои бадастомада барои таҳия ва татбиқи стратегияи давлатӣ дар самти муқовимат ба тундгароии динӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда**
номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими
калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва
муносибатҳои байналмилалии МД
«Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Юсупов Ғ.М.

**Имзои Юсупов Ғ.М.-ро аз санаи 07.03.2025 тасдиқ мекунам:**
**Сармутахассиси Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и ДБССТ**
**_____________ Абдуҷалилов Ҳ.Ҷ.**